**ПРОТОКОЛИ № 39.2**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 31 июли соли 2025** **ш.Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024, № 403/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд, ки 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов А.М. ва аъзои комиссия, узви шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ҳакимзода М.М. дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа:

назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Самандарзода Искандар Ҳусейн – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

- Бобоҷониён Даврон Дадоҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба илм ва инноватсия;

- Мирсаидов Саидакмал Авворович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи фаъолияти биржавӣ, факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ш.Душанбе) таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 15 ноябри соли 2025, соати 9.00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 9 нафар; муқобил - нест; бетараф - нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Муовини раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** Ризозода Т.Р.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** Назаров Х.С.